# ПРОТОКОЛИ № 3

**оид ба баргузории ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз «25» октябри соли 2024** **ш. Хуҷанд**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М., декани факултети хукукшиносии ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент Кенҷаев Ш.Ю., д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ., дотсентон Раҳматулоев А.Э., Қобилов Б.Қ. Маннонзода Н.М., Зиёбоева М.Н., Санавваров Ғ.Б., н.и.ҳ., муаллимони калон Сайдуллоев А.А. ва Абдуллоева М.К., н.и.ҳ. Қодирзода М., мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва иноватсияи ДДҲБСТ дотсент Тоҷзод Д.Ҳ., муаллими калон Кабирзода Г.Қ. ва ассистент Иноятзода А.И.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**1. Муҳокимаи рисолаи номзадии ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи “Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, таҳти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ.**

Раисикунандаи ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М., баромад намуда, қайд кард, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаи мазкурро муҳокимаи рисолаи номзадии ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, тахти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ., ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба диссертант Иноятзода А.И., дода шуд (баромад замима мешавад).

Пас аз баромади Иноятзода А.И. аз ҷониби устодон ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ӯ ба ҳамаи саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас пешниҳод намуд.

Аз он ҷумла, аз ҷониби н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. саволи зерин пешниҳод гардид: - оё дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда ва бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ як мазмунро ифода мекунад?

Диссертант Иноятзода А.И. ба саволи пешниҳод намудаи н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. чунин ҷавоб пешниҳод намуд: - меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар ҷое, қоидаи дар ғоибии судшаванда ва дар ҷои дигар бе иштироки судшавандаро пешбинӣ мекунад, масалан: дар сархати 6, қисми 1, моддаи 248 КМҶ ҶТ «парвандаро ба суд бо дархост оид ба гузаронидани мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда ирсол намояд» ва дар қ. 4 м. 280 КМҶ ҶТ бошад «суд метавонад парвандаро оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бе иштироки судшавандае,...» ҳамзамон дар қ.3, м. 280 КМҶ ҶТ «суд, судя ҳуқуқ доранд парвандаро дар ғоибии ӯ ва бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ намоянд»; қ. 5, м. 280 КМҶ ҶТ «ҳукм ё таъиноти судие, ки ғоибона қабул карда шудааст»; сархати 3, қ. 1 моддаи 312 «дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардидани парванда»; қ. 3, м. 316 КМҶ ҶТ «дар ғоибии судшаванда», ки ин ҳолатҳо духура ифода ёфтани меъёрҳоро нишон дода истодааст, аниқтараш сархати 6, қисми 1, моддаи 248 КМҶ ҶТ, ки дар боло қайд кардем прокурор дар ҳолатҳои истисноӣ аз рӯи парванда оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ки айбдоршаванда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозир шудан ба тафтишот саркашӣ мекунад, фикри айбдоркуниро тасдиқ карда, парвандаро ба суд бо дархост оид ба гузаронидани мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда ирсол намояд, лекин дар қисми 4 моддаи 280 КМҶ ҶТ бошад пешбинӣ мегардад, ки дар ҳолатҳои истисноӣ суд метавонад парвандаро оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бе иштироки судшавандае, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба муҳокимаи судӣ саркашӣ мекунад, баррасӣ намояд. Бинобар ин, дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмии соҳа ва амалияи судӣ бо мақсади мутобиқ кардани

мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ ба фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, бартараф намудани духура ифода шудани истилоҳ дар меъёрҳои мурофиавӣ пешниҳод оиди истисно карда шудани духура ифода шудани истилоҳ пешбинӣ мегардад, ки истилоҳи «дар ғоибии» бо истилоҳи «бе иштироки судшаванда» иваз карда шавад. Гузашта аз ин, духура ифода ва амалишавии истилоҳоти «ғоибона» ва «мурофиаи ғоибона» оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари сиёсиву ҳуқуқӣ қобили қабул нест ва дар сурати васеъ истифода намудани он эҳтимолияти вайрон шудани принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, муҳокимаи ошкорои судӣ ба миён меояд. Пешбинӣ ва ифода шудани «бе иштироки судшаванда» баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, бинобар аз ҳозиршавӣ ба суд саркашӣ кардани ӯ, пеш аз ҳама ин таъмини баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ аст. Зеро зарурати расидан ба адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузҳои ҷиноякорона назар ба рафтори зиддиҳуқуқӣ, хоҳиш ва иродаи судшаванда афзалияти манфиати ҷомеа ва таъмини адолати иҷтимоиро нишон дода, дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро раво медонад, лекин беасос ва ғайриқонунӣ маҳдуд карда шудани ҳуқуқи судшавандаро истисно мекунад.

Баъдан аз ҷониби н.и.ҳ., дотсент Раҳматулоев А.Э. саволи зерин пешниҳод гардид: - оид ба ҳолати ҳуқуқии судшаванда санади махсуси мурофиавии қабул мешавад, оё дар ин бора ӯ огоҳ карда мешавад?

Диссертант Иноятзода А.И. ба саволи н.и.ҳ., дотсент Раҳматулоев А.Э. чунин ҷавоб пешниҳод намуд: - дар бораи судшаванда эътироф кардани шахс қабули санади махсус дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст, зеро тибқи м. 47 КМҶ ҶТ айбдоршаванда аз лаҳзаи таъин шудани маҷлиси судӣ судшаванда номида мешавад. Бинобар ин, дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин самт дар рисола асоснок карда мешавад, ки лаҳзаи судшаванда эътироф кардани шахс бо санади мурофиавӣ муқаррар карда шуда, дар ин бора судшаванда хабардор карда шавад. Бинобар ин, дар диссертатсия мо ин масъаларо таҳлил намуда, пешниҳоди худро асоснок менамоем, ки ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар меъёри алоҳида моддаи 47 илова (1) дар матни зерин муқаррар карда шавад: 1. Судшаванда шахсе мебошад, ки нисбати ӯ қарори судя дар бораи судшаванда эътироф карда шудани шахс ва таъин кардани маҷлиси суд оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ қабул шудааст. 2. Қарори судя дар бораи судшаванда эътироф карда шудани шахс ва таъин кардани маҷлиси суд оид ба

моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ба судшаванда ва ҳимоятгари ӯ дар давоми 24 соат эълон карда шавад. Судшаванда ҳуқуқ дорад: -дар муҳокимаи судии суди марҳилаи якум, кассатсионӣ ва назоратӣ иштирок намояд; - дар тафтиши судӣ, музокираи судӣ иштирок кунад, сухани охирин гӯяд, - доир ба масъалаҳои баррасишаванда арзу дархост пешниҳод намояд; - бо протоколи маҷлиси суд шинос шавад ва ба он эрод пешниҳод намояд; - нусхаи ҳукм, таъиноти суд ва қарорҳои судяро гирад ва нисбати амал (беамалӣ) ва санадҳои судӣ шикоят намояд; - нусхаҳои қарорҳои эътироз ва ё шикоятовардашударо гирад; - нусхаҳои шикоят ва дархостҳои ба парвандаи ҷиноятӣ овардашударо гирад ва ба онҳо норозигӣ изҳор намояд; - дар баррасии масъалаҳое, ки ба иҷрои ҳукм вобастаанд, иштирок намояд; - аз ҳуқуқҳои дигаре, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, истифода барад. 4. Судшаванда уҳдадор аст: - бо даъвати судя, суд ба маҷлиси судӣ сари вақт ҳозир шавад; - ба баргузории маҷлиси судӣ монеа нашавад, тартиботро дар толори маҷлиси суд риоя ва иҷро намояд; - ба амрҳои раисикунандаи маҷлиси судӣ итоат намояд; - дар амалҳои судӣ ва амалҳои дигари мурофиавии судӣ иштирок намояд, ба шарте ки судя, суд иштироки ӯро лозим донанд.

Саволи навбатӣ аз ҷониби н.и.ҳ., дотсент Кенҷаев Ш.Ю. пешниҳод гардид: - ҳангоми ғоибона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ амали принсипҳои конститутсионии адолати судӣ чӣ гуна сурат мегирад?

Диссертант Иноятзода А.И., ба саволи н.и.ҳ., дотсент Кенҷаев Ш.Ю. чунин ҷавоб гардонид: - масъалаи марказии таҳқиқоти илмии мо риоя, иҷро ва таъмини принсипҳои конститутсионии адолати судӣ ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда буда, дар сурати васеъ истифода намудани ибораи «ғоибона» ва дар шуур ҷой намудани имконияти дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардидани парвандаи ҷиноятӣ ва дар ҳолатҳои истисноӣ ҳангоми бе иштироки судшаванда баррасӣ гардидани парвандаи ҷиноятӣ, риоя нагардидани асос, шарт ва тартиби баррасии парвандаҳо дар ғоибии судшаванда хилофи принсип ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Таҳлили илмӣ-ҳуқуқии принсипҳои конститутсионии адолати судии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо нишон медиҳад, ки онҳо қоидаи амали принсипро дар ҳузури тарафҳо ва бо иштироки фаъоли онҳо, бевосита истифода намудан аз кафолатҳои мурофиавиро таъмин мекунанд.

Саволи навбатӣ аз ҷониби мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва иноватсияи ДДҲБСТ, дотсент Тоҷзод

Д.Ҳ.: - дар руйхати адабиёти диссертатсияи Шумо китоби Великий имам Абу Ханифа ан-Нуъман оварда шудааст ин ба мавзуи таҳқиқоти Шумо чӣ робита дорад?

Диссертант Иноятзода А.И., ба саволи пешниҳод намудаи мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва иноватсияи ДДҲБСТ дотсент Тоҷзод Д.Ҳ. чунин ҷавоб пешниҳод намуд: - бо истифода аз усули таҳлилӣ-таърихӣ сарчашмаҳои таърихи ниёгон, аз он ҷумла китоби «Великий имам Абу Ханифа ан-Нуъман (краткое изложение книги Вахби Сулеймана Гавиджи) / Пер. Владимира Абдаллы Нирша» оиди тартиби ҳалли даъво бо дарназардошти меъёрҳои динӣ, аз он ҷумла шариат мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар натиҷа муайян гардидааст, ки ҳалли ҳамагуна даъво бо иштироки тарафҳо сурат мегирифт. Бинобар ин, мо асоснок менамоем, ки таълимот ва ақидаҳои пешқадами мутаффакирон ва сиёсатмадорони тоҷику форс оид ба таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, ошкоро дар ҳузури тарафҳо баргузор намудани муҳокима ҳамчун дастоварди миллӣ таҳкурсии б оэътимоди қонунгузории муосири кишварро дар самти рушди адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил дода, бо арзишҳои муосири умумибашарӣ тақвият дода шуда, тибқи талаботи замони муосир ва асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ғанӣ гардонида шудаанд, ки чун аз тадбирҳои муҳим ва зарурии рушди фарҳанги давлатдории муосири миллӣ эътироф менамоем.

Аз ҷониби н.и.ҳ., Сайдуллоев А.А. саволи навбатӣ пешниҳод гардид: - дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардидани парвандаи ҷиноятӣ бо меъёрҳои қонунгузории давлатҳои хориҷа муқоиса шудаанд?

Диссертант Иноятзода А.И. ба саволи пешниҳод намудаи н.и.ҳ., Сайдуллоев А.А. чунин ҷавоб пешниҳод намуд: - дар асоси методи илмии таҳлили ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ - муқоисавӣ, меъёрҳои қонунгузориҳои мурофиавии давлатҳои ИДМ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода шудаанд. Оид ба имконияти муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда КМҶ ФР (м. 449) шартҳои дигарро пешбинӣ мекунад, ки ғайр аз дархости судшаванда дар хусуси бе иштироки ӯ баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ, агар барои содир кардани ҷинояти содиршуда, қонуни ҷиноятӣ ҷазои вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ҷазои бо маҳрумӣ аз озодӣ алоқаманд набударо пешбинӣ карда бошад, инчунин ҷабрдида ва ё намояндаи вай иштироки ҳатмии судшавандаро бо дархости ваҷҳнок асоснок накарда бошанд. КМҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон пешбинӣ мекунад, ки барои муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда ҳолатҳои зерин истисноӣ дониста мешаванд: 1) агар судшаванда берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор дошта, аз ҳозиршавӣ ба

маҷлиси суд қасдан саркашӣ карда бошад; 2) агар судшаванда дар бораи бе иштироки ӯ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро дар маҷлиси суд дархост карда бошад; агар парвандаҳои ҷиноятии баррасишаванда оид ба ҷиноятҳои начандон хавфнок ва хавфнокиашон дараҷаи миёна эътироф шавад; агар муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда ба исботи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои ба таъқиби ҷиноятӣ алоқаманд монеъ нагардад; 3) ба ғайр аз ҷой доштани ҳолатҳои номбаршуда муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда, лекин бо иштироки ҳатмии ҳимоятгари судшаванда иҷозат дода мешавад. КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон (м.335) ва КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон низ чунин шарту ҳолатҳои истисноии бе иштироки судшаванда моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро пешбинӣ кардааст. Тибқи м. 294 КМҶ Ҷумҳурии Белорус муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда ба шарте мумкин аст, ки агар дараҷаи ҷинояти содиршуда на чандон хавфнок ё камаҳаммият бошад; судшаванда дар бораи муҳокимаи ғоибона дархост карда бошад; судшаванда ба гуноҳи худ иқрор шуда бошад ё судшаванда берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор дошта аз ҳозир шудан ба маҷлиси суд саркашӣ намояд.

Саволи дигар аз ҷониби мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва иноватсияи ДДҲБСТ дотсент Тоҷзод Д.Ҳ. дода шуд: оё дар амалияи судии Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳо дар ғоибии судшаванда мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд?

Диссертант Иноятзода А.И. ба саволи мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва педагогии Раёсати илм ва иноватсияи ДДҲБСТ дотсент Тоҷзод Д.Ҳ. чунин ҷавоб пешниҳод намуд: - дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили амалияи судӣ муайян гардид, ки теъдоди муҳокимаи судӣ оид ба моҳиятан баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда хело каманд, лекин масъалаҳои тосудии мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда ба монанди татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан дар ғоибии гумонбаршаванда ва айбдоршаванда нисбатан афзоиш дорад. Масалан, ҳангоми омӯзиши амалия судӣ муайян гардид, ки дар қарор дар бораи иҷозат додан барои интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан истилоҳи «ғоибона» нишон дода мешавад, ки ин хатарафзост. Масъалаҳои мурофиавии муҳокимаи судӣ бояд бо риояи қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ сурат гирад. Зербоби 1 уми боби 3 рисолаи илмӣ ҳалли масъалаҳои татбиқи чораи маҷбурии мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда (судшаванда) буда, дар он асоснок пешниҳод мегардад, ки бо мақсади

таъмини риояи тартиби ягона ва умумии амалишавии меъёрҳои мурофиавӣ ва бартараф кардани ҳолати бе иштироки айбдоршаванда баррасӣ шудани масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, тибқи қисми 3, м. 232 КМҶ ҶТ нисбат ба айбдоршавандаи дар ҷустуҷӯ қарордошта татбиқ кардани, на чораҳои пешгирӣ, балки татбиқи чораҳои маҷбурии дастгир кардан ва маҷбуран овардан мувофиқи мақсад аст, зеро дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 111 КМҶ ҶТ татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бо иштироки айбдоршавандаи дастгиршуда (ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда ё чораи пешгирии қаблан татбиқшударо риоя накарда) ва ҳимоятгари ӯ имконпазир мегардад.

Саволҳои навбатӣ аз ҷониби н.и.ҳ., Қодирзода М.А., пешниҳод гардид: - дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оё рисолаи Шодиев И.Р.-ро таҳлил намудед? ва инчунин, кадом барномаҳои давлатиро ҳангоми таҳқиқот таҳлил намудаед?

Диссертант Иноятзода А.И. ба саволи н.и.ҳ., Қодирзода М.А. чунин ҷавоб пешниҳод намуд: - рисолаи илмии Шодиев И.Р. «Развитие судебной системе в Таджикистане (вторая половина XIX- начало XXI в.в.)» буда, ба масоили ташакули низоми судӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Мо, ҳангоми омӯзиши масъалаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда, ки он фаъолияти мурофиавии судро ташкил медиҳад, ин асарро мадди назар карда наметавонистем. Дар рисолаи илмӣ мо кӯшиш ба харҷ додем, ки ҳалли масъалаҳои мурофиавии судӣ бо таҳлили сарчашмаҳои марбут ба тарзи мубоҳисавии баррасии парвандаи ҷиноятӣ, ташаккулёбии қоидаҳои мурофиавии судӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ бо муҳокима асоснок гардонида шуда, ақидаҳои олимон ҷиҳати рушди тартиби мурофиаи судӣ дар замони муосир дастгирӣ ва тадқиқоти ин соҳа идома дода шаванд.

Дар тадқиқоти мазкур масъалаҳои рушди низоми ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, дар таркиби он, аз ҷумла фаъолияти мурофиавии судии ҷиноятӣ бо назардошти Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021), Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, инчунин дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави

ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Пас аз анҷоми посух ба саволҳои пешниҳод гардида, раисикунандаи ҷаласа, Қаҳоров Н.М. қайд намуд, ки рисолаи мазкур бори дуюм аст, ки аз муҳокимаи кафедра мегузарад. Баъди муҳокимаи аввал бо пешниҳоди аъзоёни кафедра барои ислоҳи эродҳо, камбудиҳои техникӣ ба диссертант муҳлат дода шуда буд ва ӯ дар муддати муайянгардида онҳоро ислоҳ намуд. Устод Қобилов Б.Қ. ва устодони кафедра дотсентон Қаҳоров Н.М., Раҳматулоев А.Э. ва н.и.ҳ., муаллими калон Абдуллоева М.К. бори дигар муаззаф гардида буданд, ки рисолаи мазкурро то муҳокимаи имрӯза пурра мутолиа намуда, хулосаи ниҳоиро пешниҳод намоянд ва айни замон ба кафедра тақризи мусбии устодони қайд гардида ва ҳамзамон, тақризи мусбии роҳбарии илмӣ д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. ворид гардидааст.

Баъдан, аз устодон хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба нуқтаҳои рисола иброз намоянд. Нахуст сухан ба н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи номзадии Иноятзода А.И. иброз намуда, қайд кард, ки рисолаи илмии диссертант дар сатҳи хеле хуб омода гардидааст, баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки онҳо аз ҷониби диссертант ислоҳ шуданд. Сипас, н.и.ҳ., муаллими калон Абдуллоева М.К. ба сухан баромада, қайд кард, ки рисолаи номзадии Иноятзода А.И. анҷомёфта мебошад. Он бо забони ноби тоҷикӣ ва боназардошти усулҳои илмии таҳлилӣ ҳуқуқӣ навишта шудааст. Дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст. Баъдан, н.и.ҳ., дотсент Раҳматулоев А.Э. ва д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. доир ба моҳияти рисолаи илмӣ ибрози назар карда, қайд намуданд, ки мавзуи илмӣ-таҳқиқотии диссертант Иноятзода А.И. яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии ватаниро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, муаллифи рисола ба масъалаҳои риоя, иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ, танзими боэътимоди ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳаллу фасли асоснок, қонунӣ ва одилонаи масъалаҳои марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳоро бо нуқтаи назар ва хулосаҳои боэътимоди худ асоснок ва пешбарӣ кардааст. Дар умум талаботи пешбининамудаи КОА оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби диссертант пурра риоя шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро рисолаи анҷомпазируфта маънидод намуд. Рисола дар сатҳи хуб омода шудааст ва ба дифоъ тавсия карда шавад.

Раисикунандаи ҷаласа, дотсент Қаҳоров Н.М. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи

илмӣ дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асоси хулосаҳои иброзшуда метавон онро ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои дар боло зикр гардида, кафедра чунин қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи: «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, таҳти роҳбари илмӣ, д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ. ба талаботи бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯй ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

3. Унвонҷӯ Иноятзода Афрӯза Ислом вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлатҳои муайяншуда маводҳои заруриро ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

**Раисикунандаи ҷаласа, н.и.ҳ.,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ**
**ва назорати прокурорӣ** **Қаҳоров Н.М.**

**Котиби ҷаласа, н.и.ҳ.,**
**муаллими калон** **Абдуллоева М.К.**

**Имзои Қаҳоров Н.М. ва Абдуллоева М.К.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ**
**"26" ___10___ с. 2024** **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ.
Тел.: 342223811